**Тақриз**

**ба автореферати Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Унвонҷӯ Азиззода Рухсора мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сар карда, ба ҳаёти оилавӣ омода намудани насли ҷавон кафолати бунёд намудани оилаи устуворро таъмин намуда, ин арзиши олии иҷтимоиро дар замири худ парвариш менамоянд.

Ҳақиқатан диссертант дуруст қайд намудааст, ки сарчашмаи тарбия оила буда, аз оила тарзи муносибати дурусту пазируфташудаи ҷамъиятро метавон омӯхт. Унвонҷӯ аз мушкилиҳои марбут ба тарбия дар оила чашм напӯшида, балки онҳоро воқеъбинона таҳлил кардааст.

Автореферати Азиззода Р.Н. шоҳиди медиҳад, ки кори ӯ аз муқаддима, 2 боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат будааст.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот муайян, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

Ҳамин нуқтаро бояд махсус таъкид намуд, ки муҳаққиқ дар қисмати озмоишии (экспериментӣ) кори таҳқиқотии худ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу

усулҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки дар пиёда сохтани ин масъала шароити мусоидро фароҳам оварад.

Ба андешаи муҳаққиқ дар иртибот бо масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додани ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ, имкониятҳои маърифатӣ-тарбиявии оила, инкишофи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ яке аз стратегияҳои муҳимтарини илми педагогика маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети педагогика ва варзиш кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои солҳои 2020-2025 анҷом дода шудааст (ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ аз 24.06.2019, №11). (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №193/012 з/и аз 24.01.2024).

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба оила нигаронидашуда муайян карда шудааст.

Бо камоли майл изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи диссертант такмили раванди омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавиро таъмин хоҳанд кард.

Ба андешаи мо, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунад.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсия Азиззода Рухсора собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илми доштан ва соҳиби

маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ будани унвонҷӯро нишон медиҳад. Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотии унвонҷӯ асоснок карда шудаанд.

Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меҳисобам ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) лоиқ мешуморам.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва социалогияи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

Маълумот барои тамос:
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

11.09.2024 с.